**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
Директори Пажӯҳишгоҳи рушди
маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон,
номзади илмҳои техникӣ, дотсент
_______________ Ниёзӣ С.Р.
«_10_» ___04___соли 2026

# ХУЛОСАИ

шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба диссертатсияи Усмонзода Зариф Ҷумъабой дар мавзуи «Ҳамкории коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг – шарти мукаммалгардонии ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогики иҷтимоӣ)

Усмонзода Зариф Ҷумъабой 04.08.1987 дар шаҳри Панҷакент таваллуд шудааст. Соли 2003 факултаи филологияи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент аз рӯи ихтисоси омӯзгори забонҳои англисӣ ва русӣ хатм кардааст (диплом ДОА №0004111).

Дар давоми омадасозии диссертитсия Усмонов Зарифҷон Ҷумъабоевич унвонҷӯи шуъбаи омодакунии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон буда, ҳамзамон мудири шуъбаи Коллеҷи технологӣ ва инноватсионӣ дар шаҳри Панҷакент кору фаъолият намудааст.

Усмонзода Зариф Ҷумъабой аз соли 2020 то 2023 ба ҳайси унвонҷӯ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (фармоиш аз 21.02.2020, №26) фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ бурдааст.

Аз соли 2022 дар самти ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогики иҷтимоӣ) таҳқиқоти илмиро идома бахшида, мазмуну мундариҷаи рисолаи илмиро тибқи талаботи шиносномаи ихтисоси мазкур ба анҷом расонидааст.

Имтиҳони номзадиро бо муаффақият бо баҳоҳои зерин супоридааст:
- Тарих ва фалсафаи илм –“ 4”(хуб) – 16.10.2020
- Забони хориҷӣ (англисӣ) –“4”(хуб) - 21.05.2021.
- Ихтисос: 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогики иҷтимоӣ) –“5” (аъло) – 14.03.2024.

Шаҳодатнома дарбораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ таҳти №807 аз 23.05.2024 аз ҷониби Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дода шудааст.

Роҳбари илмӣ: Латифзода Диловар Назришоҳ - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ ва гуманитарии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов.

Диссертатсияи Усмонзода Зариф Ҷумъабой дар шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон таҳия гардида, ба омӯзиши яке аз масъалаҳои муҳими педагогикаи муосир – ҳамкории коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг – шарти мукаммалгардонии ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён равона гардидааст.

Дар баромади худ Усмонзода Зариф Ҷумъабой дар бораи мубрамии мавзуи таҳқиқот сухан ронда қайд намуд, ки масъалаи ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён дар шароити муосир яке аз қисматҳои бисёр арзишманд ва зарурии самти омӯзишу парвариш маҳсуб мeёбад. Имрӯз дар маҷмуъ дар баъзе муассисаҳои таълимии ҷумҳурии мо корҳое анҷом дода мешаванд, ки ба такмили низоми тарбия нигаронида шудаанд.

Масъалаи ташаккули фарҳанги эстетикӣ махсусан барои донишҷӯёни коллеҷҳои техникӣ хеле муҳим ва зарур аст, зеро дар шароити боло рафтани нақш ва нуфузи илмҳои дақиқ, риёзӣ ва табиатшиносӣ набояд ин қишри ҷомеа аз арзишҳои эстетикӣ бебаҳра монад. Ба фаъолияти эстетикӣ ва намудҳои гуногуни санъат ҷалб нашавад.

Раванди ҷаҳонишавӣ, ки хусусиятҳои миллӣ, анъанаҳои ин ё он этносро дар тарбияи эстетикӣ ба ҳисоб намегирад, пояҳои устувори тарбиявӣ ва фарҳангофариро коста мегардонад. Ҳоло он ки, анъанаҳои бадеӣ унсури такрибии маҷмӯъии ҷамъбасти таҷрибаи пешқадами кори тарбиявӣ ба шумор мераванд. Дар сатҳи зарурӣ коркард нашудани методикаи ташаккули фарҳанги эстетикии муҳассилин, таъмин карда натавонистани ҳамоҳангсозии нерӯҳои ниҳодҳои мухталифи давлатӣ ва ҷамъиятӣ дар кори таргиби арзишҳои бадеӣ ва ҷалбнамоии насли наврас ба эҷодиёти иҷтимоӣ-фарҳангӣ, дигар омилҳо низ садди роҳи мукаммалгардонии корҳои тарбиявӣ-эстетикӣ гардидааст.

Вобаста ба ин, проблемаи мазкур мубрам, муҳим ва яке аз ҳадафҳои рӯзмарраи тарбиявӣ-эстетикӣ дар ҷомеа ба ҳисоб меравад. Албатта, дар ин кор ҳамкории муассисаҳои таҳсилотӣ, марказҳои фарҳангию фароғатӣ ва оила, ки дорои анъанаҳои миллӣ-фарҳангии хеш мебошад, нақши муайян мебозад. Аз ин рӯ, натиҷаҳои арзанда ва самараноки корҳои тарбиявӣ-эстетикӣ аз қобилияти дарёфти мавқеи нотакрори ҳар яке аз ин ниҳодҳои иҷтимоӣ-тарбиявӣ дар низоми ягонаи ташаккули комили инкишофи шахсият вобастагии ногусастанӣ дорад.

Ин вазифаи босо масъулиятнок ба зиммаи муассисаҳои таълимии зинаҳои гуногун, муассисаҳои фарҳанг ва дигар ниҳодҳои иҷтимоӣ-фарҳангии ҷомеа вогузор карда шудааст. Аммо дар таҷрибаи тарбияи эстетикӣ паркандагии фаъолияти ниҳодҳои иҷтимоӣ, бахуссус муассисаҳои таълимӣ, бо муассисаҳои фарҳанг ба назар мерасад, ки дар

ташаккули фарҳанги эстетикии донишҷӯён костагиро ба амал меорад. Махсусан, ҳамкорӣ, байни муассисаҳои таҳсилотӣ бо муассисаҳои фарҳанг дар сатҳи зарурӣ ба амал бароварда намешавад. Бинобар ин, яке аз мушкилоти имрӯза дар системаи тарбияи эстетикӣ роҳҳои таъмин кардани ҳамоҳангсозии марказҳои фарҳангию фароғатӣ бо муассисаҳои таълимӣ, (коллеҷҳо) ба шумор меравад.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқи диссертатсия** - аз ҷиҳати назариявӣ асоснок намудани шароитҳои ташкилӣ-педагогии мукаммалгардонии ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён дар раванди ҳамкории функсионалии коллеҷ бо муассисаҳои фарҳанг ва тавсеаи он ба ҳисоб рафта, **вазифаи асосии таҳқиқот** аз қисматҳои зерин иборат мебошад:

- омӯзиш ва таҳқиқи масъалаҳои назариявӣ ва амалии хусусиятҳои ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён дар шароити таъсиррасонии маҷмуӣ дар раванди корҳои таълимию тарбиявӣ ва беруназаудиторӣ;
- баррасии вазъият ва тамоилҳои рушди ҳамкории мутақобилаи коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг доир ба ташаккули фарҳанги эстетикии донишҷӯён дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- таҳқиқи имкониятҳои воқеӣ ва шароитҳои иҷтимоӣ-педагогии коллеҷу муассисаҳои фарҳанг дар ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён;
- коркард ва аз ҷиҳати назариявӣ асоснок намудани барномаи педагогии ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён дар раванди ҳамкории мутақобилаи коллеҷу муассисаҳои фарҳанг;
- тариқи озмоиш тасдиқ кардани барномаи ташаккули фарҳанги зебоипарастӣ дар раванди фаъолияти якҷояи коллеҷҳо ва муассисаҳои фарҳанг.

**Навгониҳои илмии таҳқиқотро диссертант ба шакли зайл пешниҳод намудааст:**

- асосҳои педагогии ҳамкории функсионалии коллеҷҳо ва марказҳои фарҳангӣ – тарбиявӣ дар доираи шаҳрҳои хурд зимни муносибати маҷмуӣ ба кори тарбиявӣ-эстетикӣ ҳалли худро ёфтааст.
- ташкил намудани тарзҳои ҳамоҳангсозии ниҳодҳои тарбиявӣ зебоипарастӣ ҷиҳати рушди эстетикии муҳассилин бо дарназардошти баҳисобгирии маълумот доир ба муҳити эстетикии ҷавонон, дараҷаи фаъолнокии бадеӣ-эҷодии онҳо ва ташкили ин раванд пешгӯӣ шудааст;
- номуттасилии фаъолияти якҷояи ин ниҳодҳо дар кори беруназаудиторӣ, ки дар натиҷаи такяи нокифояи коллеҷ ба фаъолияти муассисаҳои фарҳанг оид ташаккули зебоипарастӣ амал мекунанд, бартараф гардиданд; ҷузъҳои асосӣ, самтҳо ва нишондиҳандаҳо (маърифати эстетикӣ, ҷиҳати баҳодиҳии ҳиссӣ ва ҷалбнамоӣ ба фаъолияти эстетикӣ) мушаххас карда шуданд;
- шароитҳои педагогии ҳамкории функсионалии коллеҷ бо муассисаҳои фарҳанг дар ташаккули фарҳанги зебоипарастӣ муайян гардидаанд;

- ба дарачаи зарурӣ ба эътибор нагирифтани махсусиятҳои марказҳои фарҳангию тарбиявӣ дар ҳамкорӣ доир ба тарбияи эстетикии ҷавонон, суст гардидани ҳамоҳангсозии нерӯи тарбиявии муассисаҳои таҳсилотӣ ва фарҳанг низ муайян карда шудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар таҳқиқот дар доираи омӯзиш ва таҳлили адабиёти илмӣ, шарҳ ва муқоисаи маълумоти коркардшудаи илмӣ, муайян намудани заминаи назариявӣ-методологии таҳқиқот, аниқсозӣ ва тавсеаи аппарати илмӣ, интихоби методҳои таҳқиқот, асосноккунӣ, таҳия ва татбиқи барномаи педагогии ташаккули фарҳанги зебоипарастӣ дар раванди ҳамгироии мутақобилаи коллеҷ ва марказҳои фарҳангию маърифатӣ, муайян кардани шароити педагогӣ ва коркарди шаклу усулҳои нави фарҳангию маърифати донишҷӯён, ҷамъбасту натиҷагирӣ аз раванди корҳои таҳқиқотӣ, пешниҳоди тавсияҳои методӣ барои омӯзгорон оид ба тарбияи эстетикӣ назаррас аст.

Инчунин, натиҷаҳои ба дастомада дар шакли мақолаҳои илмиву оммавӣ ба нашр расида, муҳтавои асосии рисолаи илмӣ дар чорабиниҳои муҳими илмиву амалии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ аз ҷониби муаллиф муаррифӣ карда шуданд.

Тибқи мазмуну мундариҷа рисолаи илмӣ ба унвонҷӯ саволҳо пешниҳод гардида, ҷавобҳои мушаххас ва дуруст баргардонида шуд.

Сипас, муқарризони холис Раҳимзода Х. - доктори илмҳои педагогӣ, ходими пешбари илмии шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон; Давлатшоев И. - доктори илмҳои педагогӣ, ходими калони илмии шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон; Ҷонмаҳмадова Г.Ш. – номзади илмҳои педагогӣ, котиби илмии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон оид ба мазмуну муҳтавои диссертатсия ва саҳми унвонҷӯ баромад ва қайд намуданд, ки саҳми шахсии унвонҷӯ дар он зуҳур меёбад, ки мавсуф масъалаи таҳқиқоти диссертасиониро ҳаматарафа таҳлилу баррасӣ карда, таҳқиқоти назариявӣ ва озмоиширо дуруст ба роҳ мондааст, маводи таҳқиқотро таҳлили микдорӣ ва сифатӣ карда, маҷмуи роҳу усулҳоро вобаста ба мавзуъ, максад ва вазифаҳои таҳқиқот мавриди истифода қарор додааст, дар заминаи таҳқиқоти озмоишӣ муқаррароти кори илмиро аз ҷиҳати амалӣ аз тариқи баргузории корҳои озмоишӣ тасвибу тасдиқ кардааст.

Ҳамин тариқ бо назардошти муҳокима ва хулосаи муқаризони холис оид ба дараҷаи омӯзиши дараҷаи коркарди масъалаи мазкур бармеояд, ки диссертатсияи Усмонзода Зариф Ҷумъабой дар мавзуи «Ҳамкории коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг – шарти мукаммалгардонии ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён» мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифта, ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

Натиҷаи корҳои озмоишӣ дар анҷоми ҳар як марҳила таҳлилу ҷамбаст гардида, мақолаҳои зерин дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чопнамудаи унвонҷуй пурра мазмуни рисоларо фаро мегирад.

[1-М] Усмонов З.Ҷ. Муносибати маҷмуӣ ба ташаккули фарҳанги зебоипарастӣ дар коллеҷ [Матн] /З.Ҷ.Усмонов // Паёми Академияи таҳсилотиТоҷикистон. 2021. №1(38). – С.29–33. ISSN 2222- 9809.

[2-М] Усмонов З.Ҷ. Роҷеъ ба баъзе масъалаҳои ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯёни коллеҷҳои техникӣ /З.Ҷ.Усмонов //Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории ба номи С.Айнӣ. 2022. №1(96). –С.23-28. ISSN 2219-5408.

[3-М] Латифзода Д.Н., Усмонов З.Ҷ. Шароитҳои педагогии ҳамкории функсионалии коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг дар тарбияи эстетикии ҷавонон. [Матн] /Д.Н.Латифзода, З.Ҷ.Усмонов // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. 2024. №4 (54) – С.21–26. ISSN 2222-9809.

[4-М] Усмонов З.Ҷ. Илми этика ва марҳилаҳои асосии ташаккулу такомули афкори ахлоқӣ [Матн] /З.Ҷ.Усмонов //Паёми Донишкада /Махзани илм. 2019. №1/2. – С.213-217. (Бо ҳаммуаллифӣ).

[5-М] Усмонов З.Ч. Усмонов З.Ч. Хусусиятҳои миллии таълими санъат дар Тоҷикистон // Русия — Тоҷикистон — Ӯзбекистон: Ҷавонон ва рушди фарҳанги маънавии ҷомеа. Маҷмӯаи маводи Конференсияи 11-уми байналмилалии илмӣ-назариявии омӯзгорони мактабҳои олии Русия, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон. 22 апрел 2022. Душанбе. Челябинск. Ташкент. Самарканд. Бухоро. 2022. – С.15-22. (дар ҳаммуаллифӣ).

[6-М] Усмонов З.Ҷ., Латифзода Д.Н. Ҳамкории коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг дар тарбияи зебоипарастӣ [Матн] /З.Ҷ.Усмонов, Д.Н. Латифзода //Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории ба номи С.Айнӣ. Душанбе. 2023. №2 (16).– С.48-53.ISSN 2708-5759.

[7-М] Усмонов З. Ҷ. Дар бораи модели таълими этнофарҳангӣ дар Тоҷикистон (таҷриба ва мушкилот) // Маводи Конференсияи XVIII байналмилалии илмӣ-назариявии «Русия – Ӯзбекистон – Тоҷикистон: ҷанбаҳои рушди ҳамкориҳои фарҳангию таълимӣ, илмӣ ва эҷодӣ», ки ба 30-солагии Донишкадаи давлатии забонҳои хориҷии Самарқанд бахшида шудааст. Челябинск – Самарқанд – Тошканд – Бухоро - Душанбе. 9 ноября 2024. – С.114-124. (дар ҳаммуаллифӣ).

[8-М] Усмонов З.Ҷ. Тарбияи зебоипарастӣ–талаботи замон. Душанбе, 2024. 127 с. (дар ҳаммуаллифӣ).

Бо дарназардошти хулосаҳои муқарризони холис ва иштирокчиёни шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Усмонзода Зариф Ҷумъабой дар мавзуи «Ҳамкории коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг – шарти мукаммалгардонии ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён» кори илмии мустақилона баанҷом расида, ки дар он муаллиф ба ҳалли вазифаҳои дар назди таҳқикот гузоштащуда ноил шудааст, ҳисоб карда шавад.

2. Диссертатсияи илмии Усмонзода Зариф Ҷумъабой дар мавзуи «Ҳамкории коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг – шарти мукаммалгардонии ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён» ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии

номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогики иҷтимоӣ) ҷавобгӯ аст.

3. Диссертатсионии илмии Усмонзода Зариф Ҷумъабой дар мавзуи «Ҳамкории коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг – шарти мукаммалгардонии ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогики иҷтимоӣ) барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-030-и назди Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи ба номи Абдураҳмон Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи васеи шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон 10-уми апрели соли 2026 суратҷаласаи №4 қабул гардидааст.

Дар ҷаласа 12 нафар иштирок намуданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: “Тарафдор” - 12 нафар, “Зид” - нест, “Бетараф” - нест.

Раиси ҷаласа, мудири шуъбаи
педагогика, психология ва методикаи
таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор Иматзода Л.М.

Котиби ҷаласа Холмуродов А.Қ.

Имзоҳои Иматзода Л.М. ва Холмуродов А.Қ.-ро тасдиқ мекунам:

**Нишонӣ:** 734024, ш.Душанбе, кӯчаи А.Адҳамов 11/2 Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. Тел.: +992 2274600; Факс: +992 2274525;
Сомона: www.prmatt.tj E-mail: prmatt@maorif.tj

Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Хакимова Х.С.